# ҚАРОРИ
# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «01» августи соли 2014 №508 ш. Душанбе

## ДАР БОРАИ ТАСДИҚИ ФЕҲРИСТИ ДАВЛАТИИ ПАРТОВҲОИ РАДИОАКТИВӢ

Мутобиқи моддаҳои 5 ва 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Феҳристи давлатии партовҳои радиоактивии замима гашта тасдиқ карда шавад.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

Қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «01» августи соли 2014
№ 508 тасдиқ шудааст.

# ФЕҲРИСТИ ДАВЛАТИИ ПАРТОВҲОИ РАДИОАКТИВӢ

1.Феҳристи давлатии партовҳои радиоактивӣ (минбаъд – феҳрист) - ин сабти ҷории мунтазами ҳуҷҷатҳои шакли махсус оид ба ҳосилшавӣ, таркиби физикию кимиёвӣ, ҳаҷм, хусусият, инчунин интиқол, нигоҳдорӣ ва гӯронидани партовҳои радиоактивиро ифода мекунад ва дар доираи низоми бақайдгирии давлатии партовҳои радиоактивӣ таъсис дода мешавад.

2.Ба феҳрист маълумотҳои ҳама гуна партовҳои радиоактивӣ (сахт, моеъ, газшакл, манбаъҳои радиоактивии мӯҳлати амалашон ба итмомрасида, партовҳои радиоактивии коркади саноати кӯҳкорӣ ва маъдан, оҳанпора ва ашёҳои бо моддаҳои радиоактивӣ ифлосшуда ва ғайра) ворид карда мешаванд.

3.Феҳрист дар асоси варақаҳои баҳисобгирие (намуна замима мегардад), ки аз ҷониби соҳибони партовҳои радиоактивӣ пур карда мешаванд ва ҳар нимсола ба Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда мешаванд, бурда мешавад.

4.Таъсис, ташкил ва бурдани феҳрист ба зиммаи Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешавад. Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои соҳибони партовҳои радиоактивӣ оид ба эътимоднокии маълумотҳои дар варақаи баҳисобгирии партовҳои радиоактивӣ мавҷудбуда санҷиш мегузаронад.

5.Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз феҳрист маълумотҳоро ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ ва ба дигар мақомотҳои ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни дархост, инчунин ба ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар давлатҳо тибқи созишномаҳои имзокардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

6.Оид ба масъалаҳои бурдани феҳрист Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ҳисобот омода менамояд, ки он на дертар аз 28 феврали пас аз соли ҳисоботӣ меомада ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

7.Шахсоне, ки тартиби бурдани феҳристро вайрон мекунанд (беасос рад кардани пешниҳоди маълумот ё пешниҳод намудани маълумоти нодуруст, саривақт пешниҳод накардани маълумот ё пинҳонкунии он, вайрон намудани тартиби нигоҳ доштани маълумот, қасдан нобуд кардани маълумот), мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шаванд.

8.Роҳбарони соҳибони партовҳои радиоактивӣ барои саривақт пешниҳод намудани маълумот оид ба ворид намудан (инчунин ворид намудани тағйирот) ба феҳрист масъуланд.

9.Ҳуҷҷатнигории феҳрист бемӯҳлат нигоҳ дошта мешавад.

10.Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифз ва пуррагии феҳрист ва саривақт ворид намудани тағйирот ба он масъул мебошад.

**ЗАМИМА**
Ба феҳристи давлатии
партовҳои радиоактивӣ

# ВАРАҚАИ БАҲИСОБГИРИИ

## партовҳои радиоактивӣ

1.Маълумот дар бораи соҳиби партовҳои радиоактивӣ:

1) Рақами корхона тибқи кадастри маҳфузгоҳи (ҷойи нигоҳдории муваққатии) партовҳои радиоактивӣ ___________________________

2) Номи пурраи корхона ____________________________________

___________ ______________________________________________

3) Намуди фаъолият, ки дар натиҷаи он партовҳои радиоактивӣ ҳосил мешаванд (бартараф намудани садамаи радиатсионӣ, ба итмом расидани мӯҳлати истифодаи манбаъҳои афканишоти ионофари пӯшида, гузаронидани корҳои дезактиватсионӣ ва ғайра)
_________________________________________________________________

4) мавҷудияти иҷозатнома барои гузаронидари корҳо (ном, рақам, таърихи супоридан ва ба анҷом расидан, аз ҷониби кӣ дода шудааст),
_________________________________________________________________

5) суроғаи пурраи корхона (вилоят, ноҳия, ҷамоат/деҳа, кӯча, рақами хона) ________________________________________________

6) рақами телефони (телефакс), почтаи электронии хадамоти диспетчерӣ (шахси масъул оид ба муомилот бо партовҳои радиоактивӣ) ________________________________________________

7) ном, насаб ва номи падари сардори корхона, рақами телефон (телефакс), почтаи электронӣ ________________________________

2.Тавсифи умумии партовҳои радиоактивӣ (барои ҳар як намуди партовҳои радиоактивӣ нишон дода мешавад):

1) партовҳои радиоактивии сахт: намуди партовҳои радиоактивӣ (манбаъҳои афканишоти ионофари пӯшидаи мӯҳлати амалаш баитмомрасида, партовҳои биологӣ, партовҳои сохтмонӣ, хок ва ғайра) ____________________________________________________

категорияи партовҳои радиоактивӣ аз рӯи критерияи фаъолнокии хос (фаъолнокии паст, миёна, баланд мувофиқи Қоидаҳои таъмини бехатарии радиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон) _________________
шумораи партовҳои радиоактивӣ:_______________________________

вазни партовҳои радиоактивӣ, кг ___________________________

ҳаҷми партовҳои радиоактивӣ, $м^3$ ___________________________

шумораи умумии манбаъҳои афканишоти ионофари пӯшидае, ки ба категорияи воҳиди партовҳои радиоактивӣ гузаронида шудааст, ____________________________________________________________

фаъолнокии умумии партовҳои радиоактивӣ дар ___ 20__ с., Бк ____________________________________________________________

навъи партовҳои радиоактивӣ нисбат ба сатҳи озодкунӣ аз назорати мақоми танзимгари давлатӣ дар соҳаи бехатарии ядрой ва радиатсионӣ (кӯтоҳумр ё дарозумр)___________________________

таркиби нуклидии партовҳои радиоактивӣ (барои ҳар як намуди партовҳои радиоактивӣ нишон дода мешавад):

Нуклид __ Давраи нимкоҳиш ____ Фаъолнокӣ дар __20__ с., Бк

2) партовҳои радиоактивии моеъ: намуди партовҳои радиоактивӣ (реактивҳои истифодашуда, моеъҳои дезактиватсионӣ ва ғайра) ________________________________________________________

категорияи партовҳои радиоактивӣ аз рӯи критерияи фаъолнокии хос (фаъолнокии паст, миёна, баланд, мувофиқи Қоидаҳои таъмини бехатарии радиатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон)_________________________ ҳаҷми партовҳои радиоактивӣ, $м^3$ _______________________________________

фаъолнокии умумии партовҳои радиоактивӣ дар ___ 20__ с., Бк ________________________________________________________

навъи партовҳои радиоактивӣ нисбат ба сатҳи озодкунӣ аз назорати мақоми танзимгари давлатӣ дар соҳаи бехатарии ядрой ва радиатсионӣ (кӯтоҳумр ё дарозумр)______________________ ____________________________________таркиби нуклидии партовҳои радиоактивӣ (барои ҳар як намуди ПРА нишон дода мешавад):

Нуклид ___ Давраи нимкоҳиш __ Фаъолнокӣ дар _ 20__ с., Бк _________________________________________________

(вазифа, ном, насаб ва номи падари шахсе, ки варақаро пур кардааст) ________________________________________________________

__________ _____________ 20__ с.

(имзо)